# Сада - Ҷашни миллии ориёӣ

Нашир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 31 Январ, 2025 - 16:14
[1]

Дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни Сада таҳти унвони "Сада - Ҷашни миллии ориёӣ" мизи мудаввар баргузор гардид. Зимни он Раиси Кумита Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло иброз намуд, ки арҷгузорӣ ба расму оин

ва ҷашнҳои миллӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар шаҳрванди Тоҷикистон мебошад. Сада яке аз ҷашнҳои қадимии миллати тоҷик буда, ҳамасола дар саросари Тоҷикистон бо шукуҳи хосса таҷлил мешавад. Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» пайдоиши ҷашни Садаро ба подшоҳи дуюми пешдодӣ- Ҳушанг нисбат медиҳад. Мувофиқи нигориши ӯ, «Ҳушанг ба мардум тарзи афрӯхтани оташро омӯзонид ва ҷашни Садаро бунёд гузошт». Боиси ифтихору хушнудӣ аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашнҳои муқаддаси миллӣ, аз қабили Наврӯз, Сада, Меҳргон ва Тиргонро идҳои миллии ҳувиятсози мо эълом доштаанд. Дар ҳақиқат барои зиндаву поянда доштани ин ҷашнҳо, ки дар роҳи худогоҳии миллӣ аҳамияти хосса доранд, фарзонагону донишмандони мо дар ҳар давру замон хизмати фаровон намудаанд. Моро зарур аст, ки ҷиҳати арҷгузорӣ ба фарҳангу тамаддуни миллӣ дастуру супоришҳои Сарвари давлатро сармашқи кор қарор дода, дар амалӣ намудани сиёсати фарҳангпарваронаи Президенти Тоҷикистон саҳм гузорем.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

**Манбаъ::**http://kumitaizabon.tj/tg/content/sada-chashni-millii-oriei?page=14

**Пайвандҳо**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20250130-WA0021.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250130-WA0021.jpg [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250130-WA0027.jpg [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250130-WA0029%281%29.jpg [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250130-WA0029.jpg